# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи номзадии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзӯи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмие мебошад, ки ба проблемаи истифодабарии компютер ва равандҳои беҳтаргардонии муносибатҳои эҳтиёткоронаи хонандагон бо ин таҷҳизоти нодири замонавӣ, бахшида шудааст.

Ҳамаи масоили асосие, ки дар диссертатсияи номзадӣ гузошта шудаанд, роҳи ҳалли худро ёфтаанд. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки вазъи методологӣ муайян карда шудааст. Дар диссертатсия гуфта мешавад, ки асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат мекунад; методи истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз таҳияи амсилаи методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ иборат мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар диссертатсия татбиқи бомуваффақияти методи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ барои ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ шароити педагогиро ба вуҷуд меорад. Муаллифи диссертатсия бисёр нозукона паҳлӯҳои ҷолиби корро нишон додааст:

- амалигардонии талаботи хонандагон доир ба муносибати ҳассосона ба компютер дар раванди таълим тавассути технологияҳои муосири педагогӣ;

- ҳавасмандкунонии педагогии фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ дар хонандагон;

- компютерикунонии таълим ва муҳити атроф;

- истифодаи методҳои фаъол ва интерактивии таълим (васоити мустақим ва ғайримустақим) асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

Давоми даҳсолаи охири қарни гузашта инсон барои хештан шарики нави ҳамкорӣ пайдо кард, ки унвони компютер дошт. Онро на танҳо восита, балки миёнрав ҳам номидаанд. Вале он ҳамчун миёнарав ба ҳадде беназир мебошад, ки тадриҷан ба унвони иштирокчӣ дар низоми суннатии ҳамкории инсон ба инсон баромад мекунад. Ин ҳолат ба сурат комил ба тағир додани худи шахс мувоҷеҳ мешавад: ӯ соҳиби мақоми нави "корбар" ва имконоти ҷадид ҷиҳати таъмини ниёзҳои худ ба муоширaт дар сурати дигар мегардад. Компютер дар мавқеи амалии хеш ба як ҳамкори коммуникатсионӣ мубаддал мегардад, ки вежагӣ ва ҷилваҳои хешро ба ин ҷараён ворид месозад.

Таҳаввули технологияи компютерӣ (пайдоиши шабакаҳои компютерӣ) сабаби зуҳури навъи ҷадидӣ ҳамкорӣ, фардӣ(шахс бо компютер), ҳамзамон ҳамкории гурӯҳи афрод ва компютерҳо ва пайванду ҳамкории байни мардум гардид. Ба ин хотир, нуфузи самарабахшии низоми ҷадиди тартиботи олӣ ба мушоҳида меояд. Зиёд шудани ин самаранокӣ на фақат ба натиҷагии муқаррарии саҳми фардии афзояндаи теъдоди "зернизомҳо", балки тавассути суръатбахшии мубодилаи иттилоотӣ дар ҳодаи баррасии масоили зарурӣ, ҳамчунин бо омезиши ҳамоҳангиҳои муайян пайванд мегирад.

Давоми даҳсолаҳои охир мо шоҳиди татбиқ гардидани чандин барномаҳо дар тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла, соҳаи маориф гардидем, ки ба сатҳи нави мусаллаҳшавии техникӣ роҳ кушода, раванди босуръати тайёр намудани кадрҳоро низ имконпазир гардонид. Шиносоии кӯдакон ва наврасони муосир ба технологияҳои иттилоотӣ сол аз сол рушду инкишоф ёфта истодааст.

Технологияҳои наве, ки солҳои охир дар низоми маориф мавриди истифода қарор дода мешаванд, афзоиши босуръати заминаи иттилоотӣ, дастрасии озод ба манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ, масофа, ҳаракат, интерактивӣ, қобилияти ташаккули шабакаҳои иҷтимоии таълимӣ ва ҷомеаҳои таълимӣ, амсиласозӣ ва аниматсияи равандҳои гуногунро таъмин мекунанд.

Маводи таҳқиқотии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ (аз ҷумла берун аз ҷумҳурӣ), семинарҳои илмӣ маъруза гардида, баҳои мусбат гирифтааст. Муаллиф доир ба диссертатсия маводи зиёдеро ба нашр расонидааст, ки мазмун ва муҳтавои таҳқиқотро дар бар мегиранд.

Новобаста аз ин, ба диссертатсияи номзадии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович баҳо дода, дар умум қайд намудан бамаврид аст, ки он таҳқиқоти мустақили илмӣ буда, натиҷаҳои бадастомада, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои аз тарафи хонандагон риоя намудани дурустии истифодабарии компютер саривақтӣ ва зарур мебошад.

Таҳқиқоти Примов Мӯҳсин Муслимҷонович ба ҳама талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
Исломов Озод Азимович
14.03.2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков-1
Тел. (+992)927594442. веб.сайт: ozodi_55@mail.ru

Имзои профессор О.А. Исломовро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З. С.